Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад
Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

12 апрели соли 2023 Чоршанбе
№ 29 (14937)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## БАРОИ ҶАВОНОН ИМКОНИЯТҲОИ НАВ ФАРОҲАМ ОВАРДА ХОҲАНД ШУД

***Тахти раёсати Президент Шавкат Мирзиёев 11 апрел оид ба чораҳои баланд бардоштани самарабахшии корҳо, ки дар соҳаи сиёсати ҷавонон гузаронда мешаванд, ҷамъомади видеоселекторӣ баргузор гардид.***

Дар мамлакати мо зиёда аз 19 миллион нафар ҷавонони то 30-сола ҳастанд, ки онҳо 55 фоизи аҳолиро ташкил медиҳанд. Ҳоло ҳар сол 600 ҳазор ҷавон ба бозори меҳнат ворид мешавад ва дар даҳ соли наздик ин рақам ба 1 миллион нафар мерасад.

Аз ин рӯ, ба таъмини таълими босифат, омодакунии касбӣ ва бо кор таъмин кардани ҷавонон таваҷҷуҳи хоса дода мешавад. Барои дар сатҳи маҳалла ташкил намудани ин корҳо низоми амудии идоракунӣ ташкил карда шуд. Дар 9,5 ҳазор маҳалла аз ҷумлаи ҷавонписарону духтарони фидокору ташаббускор пешвоёни ҷавонон таъин карда шуданд. Ба воситаи ин низом барои ҷавонон беш аз 100 имконият фароҳам оварда шуда, мақсаднок дастгирӣ намудани онҳо роҳандозӣ гардид.

Масалан, танҳо соли гузашта барои соҳибкории ҷавонон ба маблағи 4 триллион сӯм қарз ҷудо шуда, 150 ҳазор лоиҳа ба роҳ монда, 325 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шуд. 43 ҳазор гектар замини кишт ҷудо карда, шуғли 435 ҳазор нафар ҷавонон таъмин карда шуд. Аз ҳисоби субсид беш аз 32 ҳазор нафар таҷҳизот, асбобу анҷом ва компутер хариданд.

Дар соҳаи дастгирии иҷтимоӣ низ корҳои назаррас ба анҷом расонда мешаванд. Аз ҷумла, соли гузашта ба 130 ҳазор донишҷӯ 1,7 триллион сӯм қарзи таълимӣ дода шуда, таҳсили занон дар магистратура бепул гардид. Ба 53 ҳазор нафар донишҷӯёни камбизоат барои пардохти шартномаи таҳсил, 15 ҳазор нафар ҷавонон барои пардохти хароҷоти ба хидмати ҳарбӣ марбут, 13 ҳазор нафар барои омӯзиши забони хориҷӣ кумаки молиявӣ расонда шуд. 81 ҳазор нафар донишҷӯён барои пардохти иҷорапулӣ ҷубронпулӣ гирифтанд. Ба воситаи «Дафтари ҷавонон» ба 300 ҳазор нафар намояндагони ҷавонон ба миқдори қариб 600 миллиард сӯм кумак расонда шуд.

Аммо дар соҳа ҳанӯз масъалаҳои муҳим зиёданд, ки ҳалли худро интизоранд. Имрӯз дар мамлакат расман 722 ҳазор нафар ҷавонони бекор ҳастанд.

Барои дақиқтар ва мақсаднок ташкил намудани кор бо ҷавонон дар байни 9 миллион нафар ҷавонони аз 14 то 30-сола омӯзиш гузаронда шуд. Дар баробари ин бори аввал маълумоти 25 вазорату идора ба пойгоҳи ягона муттаҳид карда шуданд. Вазъи иҷтимоӣ, қобилият ва шавқу ҳавас омӯхта, оид ба ҷорӣ намудани механизми кори «аз маҳалла то вазорат» чораҳо муайян карда шуданд.

Дар ҷамъомад ба мушкилоти ҷавонони бекор, инчунин ҷавононе, ки дар бахши ғайрирасмӣ шуғл доранд ё барои кор ба хориҷи кишвар рафтаанд, таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода шуд. Сарвари давлатамон дар ин самт як қатор ташаббусҳои навро ба миён гузошт.

Аз ҷумла, қайд гардид, ки барои таъмини шуғли ҷавонон, пеш аз ҳама бояд низоми шуғли аҳолиро аз нав дида баромад.

Масалан, дар айни ҳол дар зиёда аз 103 ҳазор ташкилот 254 ҳазор ҷойи холӣ мавҷуд аст. Аммо соли гузашта зиёда аз 6 ҳазор нафар писарону духтароне, ки мактабҳои олиро хатм кардаанд, 30 ҳазор нафар писарону духтароне, ки коллеҷу техникумҳоро хатм кардаанд, кор пайдо карда натавонистанд.

Ба ин муносибат минбаъд ҳар як вазорат талаботи тахассусиро ба касбҳои соҳаҳои таҳти назорат қарордошта мустақилона муайян мекунад. Инчунин вазоратҳо на танҳо барои тайёр кардани кадрҳо дар муассисаҳои таълими олӣ ва миёнаи махсус супориш медиҳанд, балки якҷоя бо онҳо барномаҳои таълимӣ таҳия мекунанд.

Тавре маълум аст, ки дар соли 2021 таҷрибаи баргардондани андози иҷтимоӣ ба корхонаҳое, ки ҷавонони то 25-соларо ба кор қабул кардаанд, ҷорӣ карда шуд. Дар давраи гузашта зиёда аз 9 ҳазор корхона аз ин имконият истифода бурда, 100 ҳазор нафар ҷавонон бо ҷойи кор таъмин гардиданд. Сарвари давлат дастур дод, ки муддати ин таҷрибаи мусбат боз ба ду сол дароз карда шавад.

Дар бораи таъсис додани фонд ва платформаи электронии «Ташаббусҳои ҷавонони Ӯзбекистони Нав» қарор қабул шуд. Ба фонд 100 миллион доллар ҷудо карда хоҳад шуд, ки он барои ғояҳои беҳтарин, стартапҳо ва лоиҳаҳои ҷавонони боистеъдод дар шароити қулай ва имтиёзнок, ҳангоми зарурат, бидуни ҳисоб кардани фоиз равона карда мешаванд.

Дар асоси таҷрибаи IT-паркҳо дар минтақаҳо инчунин боғҳои эҷодӣ ташкил карда мешаванд. Ба онҳо имтиёзҳо ва сабукиҳое, ки ба резидентҳои IT-паркҳо дода мешаванд, татбиқ мегарданд.

Зимнан зикр гардид, ки ҳангоми ҷудо кардани маблағ аз фонди «Дафтари ҷавонон» бояд ба касбомӯзӣ ва шуғли аҳолӣ афзалият дода шавад. Ба ин муносибат қарор қабул шуд, ки имконияти якбора истифода бурдан аз якчанд хидматҳои баҳам алоқаманд тавассути фонд фароҳам оварда шавад.

Ҷавононе, ки ба дастгирии давлатӣ эҳтиёҷ доранд, ном ба ном ба ҳар як вазир, муовини ӯ, ҳокими вилоят, ноҳия ва шаҳр, роҳбари сектор, ректор, фармондеҳи Гвардияи миллӣ ва қисмҳои ҳарбӣ вобаста карда мешавад. Онҳо омӯзиши касбӣ ва бо кор таъмин намудани парасторонро дастгирӣ мекунанд, ба онҳо дар гирифтани қарз, субсид ва кафолатҳо ёрӣ мерасонанд.

Дар ҷамъомад ҳамчунин масъалаҳои пурмазмун ташкил кардани вақти холии ҷавонон баррасӣ шуданд.

Дар пурсиши ба қарибӣ дар байни беш аз 100 ҳазор ҷавонон гузарондашуда пурсидашудагон зикр намуданд, ки дар маҳаллаҳои онҳо барои шуғл варзидан бо варзиш ва фароғат шароити мусоид вуҷуд надорад.

Ба ин муносибат вазифа гузошта шуд, ки дар марказҳои вилоятҳо, баъдтар дар ноҳияҳо боғҳои шабонарӯзии ҷавонон ташкил карда шаванд. Дар онҳо барои шуғл варзидан бо варзиш, киберспорт ва бозиҳои зеҳнӣ, китобхонӣ, караоке шароит фароҳам оварда шаванд. Инчунин дар ҳар як ноҳия сайрҳои ҷавонон, кӯчаҳои эҷодӣ, инчунин лигаҳои варзишӣ, коворкингҳо ва студияҳои театрӣ дар мактабҳои олӣ ташкил карда мешаванд.

Имрӯз 1,5 миллион нафар ҷавонон вақти холии худро ба омӯзиши забони хориҷӣ мебахшанд. Барои боз ҳам бештар ҳавасманд кардани ин таваҷҷуҳи ҷавонон барои омӯзиши забонҳо дар марказҳои хусусӣ субсид ҷудо карда хоҳад шуд.

Дар ҷамъомад оид ба муҷаҳҳаз намудани маҳфилҳо дар мактабҳо ва дастгирии мураббиён, баланд бардоштани самарабахшии кори марказҳои бачагонаи «Баркамол авлод» як қатор вазифаҳо муайян карда шуданд. Байни ҷавонон «Олимпиадаи касбҳо» гузаронда мешавад.

Дар замони ҳозираи ҷаҳонишавӣ таҳдидҳо ба тарбия ва шуури ҷавонон меафзоянд. Аҷдоди мо, маърифатпарвар Абдулло Авлонӣ қайд кардааст: «Хушбахтии ҳар як халқ ба тарбияи хуби ҷавонон вобаста аст».

Аммо, дар ҷамъомад таъкид гардид, ки фарогирӣ ва самарабахшии чорабиниҳои маънавию маърифӣ ба таври бояду шояд нест, дар ин бобат манфиати ҷавонон ба назар гирифта намешавад.

Ба ин муносибат супориш дода шуд, ки фаъолияти Маркази маънавият ва маърифат такмил дода, мазмуну мундариҷа, ки ба ҳифзи ҷавонон аз таҳдидҳои ғоявӣ нигаронда шудааст, густариш дода шавад.

Дар маҷмӯъ барои ташкили самарабахши сиёсати давлатӣ дар ин самт барномаи «Ҷавонони Ӯзбекистони Нав» таҳия гардида, ба қонунгузорӣ тағйироту иловаҳо ворид карда мешавад.

Президент таъкид намуд, ки кор бо ҷавонон вазифаи ҳамаи роҳбарон, аҳли ҷомеаи васеъ, тамоми ҷамъияти мо мебошад.

Дар ҷамъомад аз рӯи масъалаҳои баррасишуда ҳисоботи вазирон ва ҳокимон шунида шуданд.

**ӮзА.**

## МАСЪАЛАҲОИ РӮЗМАРРАИ ҲАМКОРИИ ТИҶОРАТИВУ ИҚТИСОДӢ БАРРАСӢ ГАРДИД

***Дар ҷараёни суҳбати телефонии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин, ки 11 апрел ба вуқӯъ омад, чораҳои аввалиндараҷае, ки ба таъмин сохтани пешрафти мубодилаи мол ва татбиқ намудани лоиҳаҳои муштараки кооператсионӣ нигаронида шудаанд, баррасӣ гардиданд.***

Ба масъалаи истифодаи самарабахши соҳати Намоишгоҳи байналхалқии саноатии «Иннопром», ки охири моҳи апрел дар шаҳри Тошканд баргузор гардида, ба пешбурди ҳамкориҳои тарафайни амалӣ дар сатҳи тиҷорат ва минтақаҳои ду мамлакат хидмат мекунад, эътибори махсус дода шуд.

Ҳамкориҳои пурмаҳсул дар доираи барномаи табодули фарҳангиву инсонпарварона бо қаноатмандӣ таъкид гардид.

Сарони Ӯзбекистон ва Русия ҳамчунин ҷадвали чорабиниҳои пешистодаи дуҷониба ва бисёрҷанбаро муҳокима карданд.

**ӮзА.**

*Муносибат*

## ЭЪТИБОР ВА ЭҲТИРОМ БА МУАЛЛИМ БАРГАШТ

***Муаллим ҳамчун шахси фидокор, эҷодкор ва ҳамқадами замон дар пеши назари ҳар яки мо намоён мешавад. Пешаи омӯзгорӣ дар ҳама давру замон кори пурифтихору пуршараф буду ҳаст. Сабаб дар он, ки ҳар як шахс аз омӯзгор таълиму тарбия мегирад. Саҳми омӯзгорон дар роҳи пайдо кардани мавқеи худ дар ҷомеа ва бо касбу кор баҳри пешрафти кишвар ва некуаҳволии мардум хидмат кардани ҳар яки мо беандоза аст.***

Аммо аз солҳои нахустини истиқлолият обрӯ ва мақоми намояндагони арсаи иҷтимоӣ, бахусус омӯзгорон дар ҷомеа хеле поин рафт. Ба болои маоши ночиз ва хуб набудани шароити корӣ бо корҳои гуногуни иловагӣ низ машғул ва қурбони меҳнати иҷборӣ буданд. Вақтҳое буд, ки аз муаллимон ба сифати «омма»-е, ки толорҳоро дар чорабиниҳои дилгиркунанда пур мекунанд, истифода мебурданд, ободонию кабудизоркунии ноҳияву шаҳрҳоро низ ба онҳо вогузор мекарданд. Аз сабаби вазифаи асосиашон дар канор монда, бо кори ба фаъолияташон алоқаманд набуда машғул шудан, бисьёр муаллимони пуртаҷриба касби дӯстдоштаашонро тарк карданд.

Ба шарофати иродаи сиёсии Президент Шавкат Мирзиёев он рӯзҳо паси сар монданд. Сарвари давлатамон дар раванди ислоҳоти сохтори маориф ба баланд бардоштани нуфузи касби омӯзгорӣ ва мақоми он дар ҷомеа таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуд.

Солхои охир дар роҳи пурзур намудани мавқеъ ва таъсири муаллимону мураббиён дар ҳаёти ҷамъият ва дар асоси талаботи замон ба роҳ мондани сохтори маориф ислоҳоти бузург ба амал бароварда шуд. Пеш аз ҳама муаллимон аз меҳнати маҷбурӣ — пахтачинӣ, корҳои ободонӣ озод карда шуданд. Ба коғазбозии зиёдатӣ дар муассисаҳои таълимӣ хотима дода, ба ғайр аз 6 ҳуҷҷати корие, ки дар қонун нишон дода шудааст, пеш бурдани ҳисоботу тақвимҳо қатъиян манъ карда шуд.

Бо мақсади ташаккул додани насли аз ҷиҳати маънавӣ бой ва зеҳнаш тез, ба воя расонидани хонандагони болаёқат мактабҳои президентӣ, мактабҳои эҷодӣ ва махсусгардонидашуда таъсис ёфта, аз намунаҳои пешқадами сифати таълим истифода мешаванд. Барои озод кардан аз коғазбозӣ, дастӣ навиштани ҳисоботҳо, аз нав навиштани нақшаҳои дарсӣ, ки барои ҳар як дарс такрор мешавад ва ғайра платформаи таълими электронии «Kundalik» васеъ ҷорӣ карда шуд.

Хулоса, имрӯз таваҷҷуҳ ба омӯзгорон ба кулли дигар шуд, эътибор ва эҳтиром баргашт. Ҳоло нигоҳи ҳама ба педагогҳо нигаронида шудааст. Музди меҳнати онҳо пай дар пай зиёд мешавад.

Ба омӯзгороне, ки аз фанҳои таҳсилоти умумӣ сертификатҳои дахлдор доранд, ҳар моҳ иловагӣ аз 20 то 50 фоиз иловапулӣ додан ва пешниҳоди қарзҳои истеъмолии имтиёзнок, барои педагогҳои баландихтисос, ки дар ҳудудҳои дурдаст кор мекунанд, иловапулӣ ҷорӣ карда мешавад, ки ҳамаи ин мисоли таваҷҷуҳи баланд ва эҳтиром ба муаллим аст.

Бо ташаббуси Сарвари давлат тартиби пардохти иловагии 100 фоиз ба маоши моҳонаи омӯзгорони фидокор ва эҷодкор, ки дар мактабҳои дурдасттарин фаъолият мебаранд, ҷорӣ карда шуд. Ба туфайли ин саъю ҳаракатҳо имрӯз масъалаи мактабу таълим ба ҳаракати умумихалқӣ табдил ёфтааст. Мавқеъ ва мақоми намояндагони соҳаи маориф дар ҷомеа боло рафт.

Ба шарофати талошҳои куллан тағйир додани сохтори маориф, ба стандартҳои байналмилалӣ пайвастани он муносибати муаллимон ба ҳаёт тағйир ёфта, онҳо дар ҷустуҷӯйи доимӣ мебошанд. Аммо идома ёфтани ҳолатҳои ба чорабиниҳои ғайриқонунӣ ҷалб намудани педагогҳо, ки ба фаъолияти касбии онҳо алоқаманд нест, касро ба андеша водор месозад. Аз ҷумла, педагогҳо беасос ба бисёр гурӯҳҳои корӣ, ки барои ҳалли мушкилоту масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии маҳалҳо ташкил карда шудаанд, дохил карда шуда, аз онҳо ҳисоботу маълумотҳои гуногун талаб карда мешаванд.

Қонун «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҷиноии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Кодекси ҷавобгарии маъмурии Ҷумҳурии Ӯзбекистон вобаста ба пурзӯр намудани ҷавобгарӣ барои монеъ шудан ба педагогҳо дар иҷрои вазифаҳои худ», ки аз ҷониби Президент 27 марти соли ҷорӣ ба имзо расида буд, боз як далели таваҷҷуҳ ба муаллимон дар мамлакатамон мебошад.

Бо ин Қонун ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноӣ барои ба таври маъмурӣ маҷбур кардани педагог ба ҳар шакле, ки кор кунад, пурзур карда мешавад. Аз ҷумла, дар сурати умумӣ ҷалби шахс ба кори маҷбурӣ боиси то 30 миллион сӯм ҷарима шуда бошад, акнун барои ҷалби омӯзгорон ба меҳнати маҷбурӣ то 45 миллион сӯм ҷарима ситонда мешавад.

Инчунин, дар Кодекси ҷиноӣ барои ҳаракатҳо нисбат ба педагогҳо ҷавобгарии махсуси ҷиноӣ муқаррар гардида, ҷазо тақвият дода шуд. Яъне, маҷбур кардани корманди педагогӣ ба меҳнат кардан бо ягон шакли маъмурӣ, агар ин пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ барои ҳамин кирдор содир шуда бошад, аз 45 то 60 миллион сӯм ҷарима ё маҳрум кардан аз ҳуқуқи муайян то 3 сол, ёхуд ба муҳлати то 3 сол кори ислоҳӣ муқаррар карда шудааст.

Ҳамзамон, ҷавобгарии маъмурӣ барои дахолати ғайриқонунӣ ба фаъолияти касбии корманди педагогии ташкилоти таълимӣ ё барои монеъ шудан аз иҷрои вазифаҳои хидматиаш пурзӯр карда шуд. Акнун барои ин кирдор ба шаҳрвандон аз 2,1 миллион то 4,5 миллион сӯм ва ба шахсони мансабдор аз 3 то 6 миллион сӯм ҷарима андохта мешаванд. Пештар барои дахолати ғайриқонунӣ ба фаъолияти педагогӣ танҳо ҷарима муқаррар карда шуда буд. Акнун шахсони мансабдоре, ки ин кирдорро такроран содир мекунанд, ба муҳлати то 15 шабонаруз ба ҳабси маъмурӣ маҳкум карда мешаванд. Аз ин рӯ, бе муболиға гуфта метавонем, ки қонуни мазкур дар роҳи баланд бардоштани нуфуз ва обрӯи педагогҳо дар ҷамъият қадами муҳим аст.

Ман ба муаллимоне, ки имрӯз дар соҳаи маориф кор мекунанд, ҳавасам меояд. Қадру нуфузи онҳо меафзояд. Санади мазкур масъулиятро барои ҳуқуқвайронкуниҳо вобаста ба ҷалби корманди педагогии муассисаи таълимӣ ба меҳнати маҷбурӣ пурзӯр намуда, ба таҳкими волоияти қонун дар ҷомеа хидмат мекунад.

**Ғайрат АБДИЕВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**



## МАҚСАДИ АСОСӢ – ЗИЁД СОХТАНИ НАВЪИ МАҲСУЛОТИ ЭКСПОРТБОБ

*Дар таркиби ҶММ «FRT SOFT HOLDING»-и вилояти Намангон 27-то корхона ба фаъолият шурӯъ карданд, ки бо пахтакорию ғаллапарварӣ, истеҳсоли маҳсулоти бофандагӣ, дӯзандагӣ, кошин ва чиннӣ, фарфор ва маводи сохтмон машғуланд. Дар онҳо бештар аз панҷуним ҳазор нафар одамон меҳнат мекунанд.*

*Маҳсулоти тайёри бофандагӣ, трикотаж, сохтмон ва ҳоказо ба Олмон, Италия, Полша, Чин, Туркия, Покистон, Булғория, Молдова, Литва, Латвия барин давлатҳо экспорт карда мешаванд.*

*Дар болои зиёд кардани навъҳои маҳсулоти экспортбоби корхона лоиҳаҳои истиқболнок корбаст мегардад.*

***Дар сурат:*** *дар корхонаи зикршуда.*

***Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ӮзА).***

***Ҳаёти имрӯзаи мардуми олам бар асари таҳдидҳое халалдор мегардад, ки пеш аз ҳама ба терроризм ва ифротгароӣ бастагӣ дорад. Ин зуҳуроти номатлуб муборизаи дастаҷамъонаро тақозо менамояд.***

## ҲАР ГУНА МУБОРИЗА ҲАМКОРИРО ТАҚОЗО МЕКУНАД

Дар ин замина дар Тошканд тахти раёсати Ҷумҳурии Қазоқистон ҷаласаи 39-уми Шӯрои Сохтори минтақавии зиддитеррористии Созмони ҳамкории Шанхай баргузор гардид.

Тавре ки Нургалӣ Билисбеков, муовини раиси Кумитаи амнияти миллии Қазоқистон дар брифинг изҳор намуд, ин ҷаласа ҳайатҳои мақомоти салоҳиятдори кишварҳои узви СҲШ ва кормандони комитети иҷроияи СМЗТ СҲШ-ро гирдиҳам овард.

– Зимни ҷаласа ҳисоботи Шӯрои МЗТ СҲШ барои Шӯрои сарони давлатҳои аъзои СҲШ оид ба фаъолияти он дар соли 2022 тасдиқ карда шуд. Маълумот дар бораи рафти иҷрои Барномаи ҳамкории кишварҳои СҲШ дар соли 2022 дар мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ барои солҳои 2022-2024 мавриди баррасӣ қарор гирифт,– афзуд Н. Билисбеков.

Ҷаласаи 39-ум лоиҳаи Ёддошти ҳамкорӣ дар байни МЗТ СҲШ ва Маркази зиддитеррористии давлатҳои аъзои ИДМ-ро низ тасдиқ намуд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

## СИФАТИ ТАЪЛИМ ВА БАРНОМАИ СЕСОЛАИ НАВ

***Ҳокими вилояти Қашқадарё Муротҷон Азимов зимни як мулоқот бо фидоиёни соҳаи таълим ва раҳбарони макотиби қаламрав аз он изҳори хушнудӣ намуд, ки кунун қадри омӯзгорон дар ҷомеа назар ба даҳ соли пеш афзуда, онҳо ба табақаи мӯътабар ва пешгоми ҷомеа мубаддал гаштаанд.***

Ин мулоқот дар шаҳри Шаҳрисабз иттифоқ афтод, ки зиёда аз 1200 нафар фидоиёни таълим ва раҳбарони дабистонҳоро аз тамоми гӯшаву канори вилоят гирдиҳам овард. Танҳо дар соли 2022 барои бо мебели замонавӣ таъмин намудани мактабҳои миёнаи вилоят 60 миллиард сӯм масраф гаштааст, ки ин нишондод дар қиёс бо 15 соли охир панҷ маротиба зиёд мебошад.

Ҳоким далел овард, ки дар 20 мактаби миёнаи вилоят сифати таълим чунон поён омадааст, ки ягон нафар хатмкунандагони онҳо ба макотиби олӣ дохил нашудаанд. Аз рӯи нишондоди қабул ба донишгоҳу донишкадаҳо 147 мактаб дар «зинаи сурх»-и рейтинг қарор доранд, ки 13 дарсадро ташкил медиҳанд. Дар соҳаи тарбият низ камбудиҳои зиёде мавҷуданд. Ҳолатҳое аниқ карда шудаанд, ки аз ҷониби кормандони соҳаи таълим маблағи маҳз ба пешрафти ин соҳа ҷудошуда тороҷ ва азхуд карда мешаванд. Ин амалҳои ғайриқонунӣ, ки ба шаъни омӯзгор зебанда нест, боиси ташвиш аст.

Гуфта шуд, ки 40 дарсади муаллимони мактабҳои миёнаи вилоят тоифаи ихтисос надоранд ва ин албатта, ба сифати таълим таъсири бад мерасонад. 50 дарсади хонандагон намедонанд, ки минбаъд мактабҳоро хатм кардаву соҳиби кадом касб мегарданд.

– Акнун фурсат расидааст, ки омӯзгорони мо Муроҷиатномаи махсуси худро эълом медоранд, ки ба сифати таълим ва тарбия нигаронида шудааст. Дар амал татбиқ гардидани ҳар банди он таҳти назорат қарор хоҳад гирифт, – гуфт Азимов.

Вай гуфт, ки барои беҳбуд бахшидани шароити моддиву техникии мактабҳо дар Қашқадарё барномаи сесола қабул карда мешавад ва дар доираи ҳамин барнома худи соли 2023 аз ҳисоби буҷаи давлат 500 миллиард сӯм масраф хоҳад шуд. Аз ҳисоби ин маблағ барои 30 000 нафар хонанда ҷои таҳсил сохта шуда, 542 мактаб бо компутер муҷаҳҳаз мегарданд, 510 дабистон бо партаву тахтаи синф таъмин хоҳанд шуд. Танҳо барои беҳбудии сохтори гармидиҳии мактабҳо аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ 30 миллиард сӯм масраф хоҳад гардид.

Муаллимон аз ин пас бо меҳнати ҳалол, таълими босифати худ чаҳор рукни пойдевори Эҳёи сеюмро, ки ҳукумат оғоз бахшидааст, зинат хоҳанд дод.

Дар фарҷоми мулоқот ҳоким як идда кормандони соҳаи таълимро бо «Ифтихорнома»-ҳои ҳокимият сарфароз гардонд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.**

# ШАРОИТ ТАҚОЗО НАМУД, КИ ҶОЙИ КОРАМРО ДИГАР КУНАМ,

*– мегӯяд духтури ҷавон Рустамҷон Сангинов*

Дар бораи маҳорати хуб ва дастони сабуки пизишки бахши вилоятии Маркази тиббии ёрии фаврии ҷумҳурӣ Рустамҷон Сангинов борҳо суханҳои самимӣ шунидаам. Вай зодаи ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона мебошад ва Академияи тиббии Тошкандро бо тахассуси травматолог хатм кардааст. Пас аз як соли ординатура дар пойтахт барои кор ба бемористони марказии ноҳияи Сӯх омада, бевосита ба фаъолияти худ оғоз намуд. Баъд барои идомаи кор бемористони марказии вилоятро интихоб кард.

– Ҳоло дар ду ҷо кор мекунам. Ғайр аз бахши вилоятии Маркази ёрии фаврии тиббии ҷумҳурӣ дар клиникаи хусусӣ низ бо муоинаву муолиҷаи беморон машғул ҳастам, – мегӯяд Рустамҷон Сангинов.

Дар бемористони марказии ноҳия барои соҳибони ин касб шароити созгор нест, маҳз барои ҳамин маҷбур шудам ҷойи корро иваз кунам.

Баъзан зимни як қатор ҷарроҳиҳои фаврии шахсоне, ки ба қабул меомаданд, даступо мехӯрдам ва маҷбур мешудам онҳоро барои муолиҷа ё ҷарроҳӣ ба маркази вилоят фиристам. Аслан дар бемористони ноҳияи эксклав, ки аз чаҳор тараф дар иҳотаи Қирғизистон аст, фароҳам овардани шароити мусоиди тиббӣ корест таъхирнопазир. Дар акси ҳол беморони зиёд маҷбур мешаванд марзи ду кишварро убур кардаву баъди тай намудани роҳи дурудароз худро ба маркази вилоят расонанд.

Пай бурдам, ки бо вуҷуди эҳтиёҷи зиёд чунин пизишкони соҳибкасбу бомаҳорат наметавонанд ҳамчун фарзанди ин марзу бум ба беморони он ба таври шоиста хидмат расонанд.

Вай боз тазаккур дод, ки аз устодонаш Амиралӣ Каримов, Сумбулҷон Додобоев, Ғайратҷон Нурматов ва чанде дигарон таҷриба андӯхтааст. Рустамҷон мегӯяд:

– Баъди ба маркази вилоят гузаштанам ҳамкорон ранҷиданд. Аммо ҳамин ки шароити мусоиди кор фароҳам ояд, ҳатман дубора ба Сӯх бармегардам ва мардуми диёрамонро бо хидмати беминнат аз худ розӣ мекунам.

– Ҳоло бо истифода аз фурсате, ки дар Фарғона ҳастам, таҷрибаи худро зиёд мекунам, – изҳор дошт дар поёни суҳбат Рустамҷон.

Ногуфта намонад, ки айни ҳол бемористони марказии ноҳияи Сӯх ба кадрҳои соҳибтаҷриба эҳтиёҷ дорад. Дар яке аз суҳбатҳо бо кормандони иттиҳодияи тиббии ноҳия шунида будам, ки он метавонад боз даҳҳо духтурони соҳаҳои гуногунро бо кор таъмин намояд.

**Шаҳзод ФАЙЗИДДИНОВ,**
*ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона.*

*Арзишҳои миллӣ*

# СЕҲРИ НАҚШҲО

Халқи тоҷик санъати меъморӣ ва ороишии ғанӣ дорад. Дар рустоҳои кӯҳистони минтақаҳои Кӯлобу Хуҷанд, Исфараву Конибодом, Самарқанду Бухорову Сурхондарё ҳунармандону косибон услуби гулдӯзиву матоъҳои зебову рангин, кулолгарии бадеӣ, масолеҳи чӯб, сикказанӣ ва ғайраро тахия ва роҳандозӣ мекарданд. Устоҳои чирадаст ва рассомон дар осори хеш ҳамеша мекӯшиданд, ки воқеияти манзараҳои атрофро инъикос намоянд. Дар офаридаҳои онҳо беҳтарин нишона ва рӯҳияи халқ, яъне муҳаббат ба зиндагӣ, ба табиати зебо ва сарзамини аҷдодиашон тасвири устодонаи хешро пайдо мекарданд.

Таърихи гулдӯзии тоҷик ҳамчун яке аз самтҳои хеле аҷоиб ва асили санъати ороиши амалӣ аст.

Маълумотро дар бораи матоъҳои гулдӯзӣ аз мусавваpaҳои китобҳои гузаштагон, ба мисли «Авесто» ва нусхаҳои хаттии «Шоҳнома» низ дастрас намудан мумкин. Қадимтарин намунаи матои гулдӯзишуда, ки аз минтақаҳои Осиёи Марказӣ дарёфт шудааст, ин порчаи матои пашмини орододашудае мебошад, ки он аз санъати дӯзандагии давраҳои хеле қадим дарак медиҳад. Дар он сурати одамчаҳо, шаклҳои гуногуни салибмонанд, ромбҳо, ифодакунандаи мавҷҳо, паррандаҳо кашидадӯзӣ шудаанд. Либосҳои занона ва мардона асосан, аз матоъҳои худбофти маҳаллӣ, ки аз пашм, пахта ва канаб омода карда мешуданд, дӯхта мешуданд. Ҳунармандон аз маҳсулоти маҳаллӣ риштаҳо мересиданд, онро худашон мериштанд ва ранг мезаданд.

Курта. Яке аз намунаи либоси миллӣ, ки байни мардум серистифода аст, курта мебошад. Куртаи сокинони кӯҳистон аз куртаи шаҳриҳо ба куллӣ фарқ мекард. Маълум аст, ки куртаи занонаи тоҷикӣ хеле васеъ, остинҳои васеи он дастҳоро пурра пӯшонидааст. Дар ҳудуди шаҳр ва баъзан дар кӯҳистон ин остинҳо каме танг карда мешаванд.

Дар нӯги остинҳо ва дар қисми поёни доман нақшҳои миллӣ ҷойгир гардидаанд. Дар минтақаҳои Дарвоз ва Бадахшон, баъзе масканҳои воҳаи Сурхон тарзи дигари ороиши куртаҳои занона, яъне дар пеши гиребон ҷой кардани шероза истифода мешавад. Ҳангоми дӯхтани куртаҳои идона якчанд намуди гулдӯзӣ ҷой дода мешаванд. Инҳо куртаҳои нақшдоштаи чакан (асосан дар минтақаҳои ҷанубӣ) ва дигар нақшҳои даврамонанд, ки дар домону остини куртаҳо ҷойгир карда мешавад, мебошанд.

Рӯймол. Дар байни либосҳои миллӣ рӯймол низ мавқеи алоҳида дорад. Дар қисми марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистону Ӯзбекистон рӯймоли дока, дар қисми шимолӣ уребча машҳур аст. Ҳоло аз онҳо танҳо занони куҳансол истифода мебаранд. Шерозаи ин рӯймолҳо бисёр одӣ ва сабук ранг карда мешуд. Нақшу нигори рӯймоли занона бештар хусусияти таърихӣ дорад. Рӯймол дар либосҳои мардона низ мавқеи хоса дорад. Ин либоси мардона дар ҳар минтақа номҳои гуногун дорад, чунончи, рӯймоли миён, миёнбанд, локӣ ва монанди ин. Рӯймолро дар шакли секунҷа дуқабат карда, дар миён аз болои либоси боло – хилъат, ҷома ва яктаҳ мебананд ва қисми мобайнаш ба поён овезон меистад. Ин тарзи рӯймолбандии миён пеш аз ҳама ба истифодаи нақшу нигори он вобаста аст. Ҷузъи асосии рӯймол – шерозаи он пай дар пай гулдӯзӣ карда мешавад. Аз ҳама бештар шакли гул ва шоха истифода мешавад.

Дар деҳаҳои кӯҳистони Нурато барои домод, соҳибтӯй ва дигарон миёнбандҳои махсус медӯзанд. Дар маросимҳои таъзия бошад, мардон миёнбанди сиёҳ, занон рӯймоли сафед мебананд.

(Давомаш дар саҳ.4).

*Туҳфаи Рамазон*

# АЛЛОМАЕ, КИ БУХОРОРО «ҚУББАТ-УЛ-ИСЛОМ» КАРДААСТ

**Фиқҳшиноси номвари олами ислом**

**ПАНДУ НАСИҲАТ ВА ФАТВОИ АБУҲАФСИ КАБИР**

**(Охираш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).**

***

Қувваи ҳофизаи Абуҳафси Кабир қавӣ буд. Дар китоби «Салоти Масъудӣ» дар ин хусус чунин маълумот ҳаст:

Се донишманди бузург – Хоҷа Абуҳафси Кабир, Халаф ибни Айюб ва Абусулаймони Ҷурҷонӣ дар назди Имом Муҳаммад таҳсили илм кардаанд. Он чизеро, ки ҳамсабақон дар як сол меомӯхтанд, Абуҳафс дар як моҳ азхуд мекард. Ва он чизеро, ки ҳар ду дар як моҳ азбар менамуданд, Абуҳафс дар як ҳафта меомӯхт. Чизи дар як ҳафта омӯхташавандаро дар як рӯз азхуд мекард. Ҳамсабақон дар куҷое чизеро мешуниданд, дар худи ҳамон ҷо навишта мегирифтанд. Абуҳафс ягон чизро барои худ қайд намекард, аммо он чизе, ки мешунавид, дар хотир медошт. Рӯзе рафиқон бо тааҷҷуб сабаби инро аз ӯ пурсиданд. Аллома чунин ҷавоб дод: «Ман илмро чунон азхуд менамоям, ки ҳоҷати китоб ё навиштан дар коғаз намемонад. Ман илмро дар қалб менависам». Халаф ибни Айюб ва Абусулаймони Ҷурҷонӣ гуфтаанд: «Бале, ин кори дуруст. Аммо агар мабодо марг пеш ояд ва чизе мондагор набошад, ба муъминот аз шумо чӣ ба хотир мемонад?» Хоҷа гуфт: «Ман дар байни ду дарё (Мовароуннаҳр) умр ба сар мебарам. Аз он хавотир дорам, ки агар сабақҳои аз устод гирифтаамро навишта, ба шакли китоб ораму вақте тавассути дарё мегузарам, китобҳо ба дарё афтода тар шавад, коғазу ранг нобуд мегардад».

Аммо рафиқону ҳамсабақон бештар водор месохтанд, ки китоб нависад. Ӯ аз ноилоҷӣ навиштани китобро оғоз кард ва китобҳои зиёд офарид. Дар назди Имом Муҳаммад таҳсили илмро хотима бахшида, фатвои устодонро гирифт ва ба хона баргашт. Халаф ибни Айюб роҳи Балх, Абусулаймони Ҷурҷонӣ роҳи Самарқанд ва Абуҳафси Кабир роҳи Бухороро пеш гирифтанд. Вақте назди дарё омад, китобҳо ба дарё афтоду тар шуд. Имкони хондани китобҳо намонда буд. Абуҳафс дарк намуд, ки таъбири хобаш ин аст. Хоҷа аз дарё баромада, ба канори он омад. Ба нафаре аҳволашро фаҳмонду ба Бухоро фиристонд. То омадани корвон Абуҳафси Кабир ҳамаи он китобҳоро чунон навишт, ки ягон ҳарфи «алиф» дар пеш ва ягон ҳарфи «ё» дар қафо навишта нашудааст, яъне китоб дар асл чӣ гуна бошад, ҳамон тавр навишта шуда буд.

***

Куня, яъне лақаби падари Имом Бухорӣ Исмоил ибни Иброҳим – Абул Ҳасан буда, парҳезкор, донишманду зоҳид буд. Дар бораи ӯ худи Имом Бухорӣ дар китоби «Ат-таърих ал-кабир» («Таърихи бузург») навиштааст, ки «Ӯ Ҳаммод ибни Зайдро дидааст ва бо Абдуллоҳ ибни Муборак бо ду даст воҳӯрдӣ кардааст».

Ӯ аз Молик ибни Анас илм омӯхта, аз Солеҳ ибни Муборак, Абу Муовия ҳадисҳо ривоят кардааст.

Исмоил ибни Иброҳим устоди Абуҳафси Кабири Бухорӣ, Яҳё ибни Ҷаъфари Пайкандӣ ва дигарон буд.

Шогирди ӯ Абуҳафси Кабири Бухорӣ ривоят кардааст, ки «Пеш аз вафоташ ба назди устодам Исмоил ибни Иброҳим даромадам, ӯ гуфт, ки «дар байни ҳамаи амволам, ёд надорам, ки ягон дирҳамӣ чизи шубҳаовар дошта бошам». Он гоҳ худам ба назарам беарзиш намудам.

***

Тавре ки Варроқ – мирзои Имом Бухорӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) ривоят мекунад:

«Ба ӯ аз падараш моли зиёд мерос монда буд, ӯро ба музораба медод. Қарздор бисту панҷ ҳазори ӯро надод. Ба ӯ гуфтанд, ки «Мактуби волиро бигирӣ, кумак мерасонад». «Агар ман аз онҳо мактуб бигирам, онҳо аз ман тамаъгар мешаванд. Динамро ба дунё иваз нахоҳам кард», — гуфт ӯ.

Ба ӯ моле, ки Абуҳафси Кабир дода буд, овардаанд. Шаб як гурӯҳ савдогарон омада таклиф кардаанд, ки панҷ ҳазор дирҳам фойда медиҳанд. Ӯ гуфт, ки «ҳоло интизор бошед».

Пагоҳии он рӯз савдогарони дигар омаданд ва даҳ ҳазор дирҳам пешниҳод карданд. Ӯ гуфт: «Ман дирӯз ба касоне, ки аввал омаданд, доданы ин амволро ният карда будам. Бар хилофи ин ниятам амал карда наметавонам». Ва амволро ба аввалиҳо дод.

**Шеърҳо дар бораи Абуҳафси Кабир**

*Ному насабаш Аҳмад ибн ал-Ҳофиз,*
*Низ ӯро кунияТ Бу Ҳафс,*
*Дар сади панҷо буд шаъни мавлудаш,*
*Фавти он Хоҷа буд эй огоҳ,*
*Дар санаи ду саду дар ҳафтдаҳ.*

*(Китоби «Назми Муллозода»).*

***

*Ҳазрати Бу Ҳафси диёнатпеш,*
*Зикр кардааст дар китоби хеш.*
*Қавли Бу Ҳафс эҳтиёт аст он,*
*Дар ҳадя бо қавли кори хайр дон.*

*(Сӯфи Аллоҳёр, «Маслак-ул-муттақин»).*

**Абдулғафур Раззоқи БУХОРӢ,**
**мударриси мадрасаи Мири Араби Бухоро.**

**Комилҷон РАҲИМОВ,**
**ходими калони илмии Институти шарқшиносии ба номи Абурайҳони Берунӣ, доктори улуми таърих.**

***Дар ноҳияи Булунғури вилояти Самарқанд таҳти шиори «Конститутсия – кафолатиояндаи мо» аксияи ҳуқуқии вилоятӣ баргузор гардид.***

# ДАР БУЛУНҒУР АКСИЯИ ҲУҚУҚ ГУЗАРОНИДА ШУД

Тадбирро Садорати адлияи вилояти Самарқанд дар ҳамкорӣ бо Садорати вилоятии Агентии кор бо ҷавонон ва ҳокимияти ноҳияи Булунғур гузаронд.

Шуъбаи адлияи ноҳия аз ҷумла, кормандони шуъбаи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ (САҲШ), нотариус, адвокат, намояндагони ташкилоти ғайридавлатӣ-ғайритиҷоратии «Мадад» ба аҳолӣ маслиҳатҳои бепули ҳуқуқӣ доданд. Маркази хидматҳои давлатии ноҳия ба таври сайёр беш аз 40 намуди хидматҳои давлатӣ расонд.

Дар робита ба лоиҳаи Конститутсияи Ӯзбекистон дар байни ҷавонон викторинаҳои «Заковатманди Конститутсия», бозии интеллектуалии «Заковат», мусобиқаҳои шоҳмоту шашка, озмуни иншо ва дигар мусобиқаҳои ҳуқуқӣ ташкил карда шуд.

# «ФЕСТИВАЛИ МАЪНАВИЯТ» ОҒОЗ ЁФТ

***Дар ноҳияҳои Тайлоқ, Самарқанд, Пастдарғам, Нуробод, Пайариқ ва шаҳри Каттақӯрғони вилояти Самарқанд бо иштироки шоиру нависандагон, овозхонҳои шинохтаи пойтахт ва тарғиботчиёни «Маърифат» таҳти шиори «Ӯзбекистони Нав – Конститутсияи нав» Ҷашнвораи маънавият баргузор гардид.***

Дар он мудири шуъбаи дастгоҳи Президент Абдухалил Маврулов, профессор Дилором Бобоҷонова, фаъолону аҳли фарҳанги маҳалла, мактабҳои таълими умумии шаҳру ноҳияҳо ва ҷавонон иштирок карданд.

Дар рафти фестивал аз рӯйи лоиҳаи қонуни конститутсионӣ, раъйпурсӣ ҳарф зада, мазмуну моҳияти лоиҳаи Конститутсия фаҳмонда шуд.

Чунин тадбирҳо дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят гузаронида мешаванд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# ИНЪИКОСИ ОЛАМИ БОТИНӢ

***Дар Хонаи фотосуратҳои Тошканд маҳсули кори эҷодии ҷавононе, ки узви шунавоиашон нуқс дорад, ба намоиш гузошта шуд.***

Чорабинии мазкур таҳти дастгирии Академияи бадеии Ӯзбекистон ташкил гардид.

Марзҳои намоишгоҳро суратҳои эҷодии 9 нафар ҷавононе, ки давоми якуним сол аз зебоиҳои табиат, рангоранги ҳаёти иҷтимоӣ, варзиш ва дигар самтҳои муассири зиндагӣ илҳом гирифта аккосӣ шудаанд, зеб додаанд.

Таъкид кардан ҷоиз аст, ки рассоми фаъол, узви Иттиҳоди эҷодкорони Ӯзбекистон Ҳусниддин Ато аз соли 2021 ба тарзи мустақил ва аз моҳи сентябри соли 2022 бо дастгирии Маркази байналхалқии «Меридиан»-и бюрои масъалаҳои таълим ва маданияти департаменти давлатии ИМА санъати аккосиро ба ҷавонони имконияташ маҳдуд меомӯзад.

Намоиши мазкур ва чорабиниҳои дигар ба рушди эҷоди ҷавонон, ҳамчун инсони комил ба воя расидани онҳо ва тавассути фотосуратҳо инъикос намудани ҳиссиёту фикри ин қабил ҷавонон хеле таъсирбахш буда, ба васеъшавии доираи эҷодкорон хидмат хоҳад кард.

**Ҳасан АБДУНАЗАРОВ.**



*Дар осорхонаи давлатии таърих ва маданияти Қароқалпоқистон дар шаҳри Нуқус намоишгоҳи ҷиҳозҳои бофандагӣ ва қолинбофӣ баргузор гардид.*

*Дар намоишгоҳ наздик ба 60-то маҳсулоти бофандагӣ ва қолинбофии омӯзгори ботаҷрибаи мактаб-интернати ихтисосонидашудаи шуъбаи қароқалпоқистонии Академияи бадеии Ӯзбекистон Қаншайим Кемалова ва шогирдони ӯ ба намоиш гузошта шуд.*

***Дар сурат:** лавҳа аз намоишгоҳ.*

***Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ. ЎзА.***

***Хонандагони рӯзномаи «Овози тоҷик» бо эҷодиёти нависанда Юнуси Имомназар тавассути ҳикояҳои намакии ӯ, қиссаҳои «Гурез аз худ», «Равзанаи умед», таълифоти этнографии «Деҳаи зархез» ва романи «Сабзу сурх» ошноянд.***

***Нависанда дар ҳар куҷо, ки бошад ба зиндагӣ бо чашми ибрат менигарад ва саъю кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки бардоштҳояшро дар қабои бадеият ба хонанда пешниҳод намояд.***

***Ҳоҷӣ Юнус аз ҳаҷҷи акбар бо дастоварде баргашт, ки «Қиссаи ҳоҷӣ» унвон дорад. Баъди ба истиқлол расидан сафи ба зиёрати хонаи Худо равандагон ба маротиб афзуд.***

***Образи коммунист-ҳоҷӣ – Арбоб, ки парвардаи аҳди шӯравӣ аст, дар қиссаи мазкур хеле боварибахш инъикос ёфтааст...***

***Ҳайати таҳририя дар моҳи шарифи Рамазон тасмим гирифт, ки порае аз ин қиссаро чун туҳфаи идона ба шумо, хонандагони арҷманд, пешниҳод намояд. Инак, қазоват аз шумо.***

***БАХШИ АДАБИЁТ ВА ҲУНАРИ «ОВОЗИ ТОҶИК».***

*Юнуси ИМОМНАЗАР*

# ҚИССАИ ҲОҶӢ

*(Порае аз қисса)*

Ҳавопаймои мо рӯ ба фарози осмон кард, мустақим хатсайри Мадинаро пеш гирифт. Аҷаб, бовари кас намеояд, наход ки ман ба ҳаҷ меравам? Магар мешавад ба сафаре бароӣ, ки на дар хоб дида бошиву на ба хаёлат омадааст?

«Шумо бояд Ҳоҷибобо шавед! – боре гуфта буд ҳамсарам. – Он гоҳ ман бо сари баланд мегардам, зани ҳоҷӣ шудан бароям шараф аст!». Чӣ гуна обрӯю шараферо мехост, ҳеч намефаҳмидам. Сухани ӯро шӯхӣ пиндошта беэътино гаштам. Қазоро, аз он суҳбат моҳе гузашту раиси маҳалла маро садо зад ва хабар дод: «Киё Арбоб, омодагиатонро бубинед, шумо низ ба рӯйхати ҳаҷкунандаҳо афтидед». Сари ҷо шах шудам. Шунидани ин пайғом бароям ғайримунтазира буд. Ҳарчанд сухани ҳамсарам перомуни зеҳнам давр мезад, ба ин зудӣ рӯйи об омадани ҳавасҳои ӯ маро гиҷ кард...

Ҳоло мани даҳрӣ бояд ба ҳаҷ равам! Ҳеҷ, дунёро воруна мебинам. Оё мане, ки як калима аз фармудаҳои Худову расул намедонам, мане, ки либоси коммунистӣ ба бар мӯйи сарамро бо таъқиби диндору худоҷӯён ва кӯфтану озор додани намозгузорон сапед кардаам, ба чунин як сафари муқаддас лоиқам? Магар инсонеро мисли мани бадбин, ки ба сӯхтану аз байн бурдани китобу ҷонамозҳо иштиёқи бепоён доштам, ба он хостгоҳи Каломи Худо роҳ медиҳанд? Фикр мекунаму ба поёни андешаҳоям намерасам. Дар рӯзи равшан мани олудаву ошиқ ба маю шароб дар роҳи тавофу зиёрати хонаи Худо ҳастам...

Ба худ наомада, аз хаёл мегузаронам: «Бешубҳа, ё ман инсони хуб ҳастаму худам намедонам, ё одамон кӯру гӯлу гаранг шудаанд. Наход дидаю дониста як нафар бенамозеро, ки ҳатто аз таҳорату таяммум хабар надорад, ба ҳаҷ фиристанд?».

Нигарониҳои маро дида, ба рӯйи ҳама нопокиҳо хок кашида, ҳамсарам ба ман дил медод. Ӯ то ҳадде бо итминон ҳарф мезад, ки ҳеч наметавонистам ба гуфтаҳояш бовар накунам. «Ҳар чӣ буд, ҳар кори нобобе кардаед, дар гузашта монд, – мегуфт вай бо руҳияи беғубор. – Кадом мусалмон иштибоҳ намекунад? Ҳама гуноҳкорем, ҳеч бандаеро намеёбед, ки кори хато накарда бошад. Инак, фурсати муносиб дар даст доред, замони тавбаву тазарруъ дар ихтиёри шумост. Мегӯянд, амалҳои ҳаҷ ҳазор-ҳазор ширку тақсиру ҷурмро аз байн мебарад, Худо бо шунидани тавбаю истиғфор кӯҳ-кӯҳ гуноҳи бандаҳои хатокори худро мағфират мекунад!».

Ин гуна суханҳои ҳамсарам рӯз аз рӯз бештар маро аз шигифтзадагии ногаҳонӣ раҳо мекард. Гузашта аз ин, бо илтифоту ҷонибдории дӯстону наздиконам низ гӯё аз хоби ғафлат бедор мешудам: «Ту одами Худо ҳастӣ, Арбоб! – мегуфтанд онҳо бо ҳавас. – Фариштаҳо ба ту омин кардаанд, ки ба ҳаҷ биравӣ! Сиҳат раву саломат баргард, моро низ дуо кун!». Аҷабо, мани бедин бояд ба ҳаҷ равам ва дар ҳаққи дӯстонам дуо кунам...

Медидам, ки дар ҳақиқат ман хоб нестам ва ин ҳамаро дар бедорӣ, равшан бо чашми худ мебинам. Хуршед меояду аз соат намепурсад, мижаро ба ҳам назада вақту замони азимат даррасид. Бо гузаштан аз муоинаи духтурон ва таҳияи ҳуҷҷатҳои лозим, ки ҳама рӯякиву хасакӣ буд аспи сафарро қамчин задем. Панҷоҳ нафар марду зани ҳаҷкунанда дар гурӯҳи бисту чорум ҷамъ омада, бо парвози навбатӣ ба ҷониби Мадина парвоз кардем.

Аз нахустин қадаме, ки ба хоки Арабистони Саудӣ ниҳодам, бар замми ҳайрату шигифти доимӣ, ларзиши, аҷибе тану ҷонамро фаро гирифт. Ҳамин ки дар фурудгоҳ пиёда шудем, аз ҳамҳамаю ҳилҳила ва бар замми ин, доду фарёди ҳамсафарон шах шудам. Ҳама хурсандӣ мекарданд, шодию шараф то ҳадде буд, ки гирякунон ашки шодӣ мерехтанд. Ба маҳзи фуромадан аз пилапояи ҳавопаймо, ҳамсафари бағалдасти ман Дарвеш низ дар канори дигарон зону ба замин зада, бо саҷда ба шаҳри Мадина бағал кушод. Фурӯ дар тааҷҷубу ҳайрат пурсидам:

– Бародар, ин ҳама таъзиму ниёиш барои чист?

Ӯ бо оҳанги накӯҳиш гуфт:

– Эй бехабар, ҳанӯз хобӣ мегӯям?! Мо ба меодгоҳи расули акрам, ба шаҳри мунаввари Мадина расидем!

Ин ҷо ба ёдам омад, ки раҳораҳ домуллои гурӯҳамон қиссаҳое мегуфт. Ҳарчанд мағзи аз донистаниҳои динӣ палағдаи ман ёрои нигаҳ доштани ҳадису нақлҳоро надошт, ҷо-ҷо чизҳоеро мешунидам ва дарк мекардам. Ӯ мегуфт, исми пешинаи Мадина Ясриб аст ва маънии Мадина – шаҳр. Биллоҳ, на шаҳри одӣ, балки Мадинатуннабӣ, яъне шаҳри паёмбар! Аз ҳиҷрати расули акрам ба ин шаҳр таърихи мусалмонон оғоз гаштааст. Маҳз дар ҳамин ҷо масҷид ва марқади Ҳазрати Муҳаммад, хокҷойи саҳобаҳояш – қабристони Бақеъ ва чандин макони муқаддас ҷой доранд. Ин шаҳр дар ибтидо пойтахти ҳукумати исломӣ буд...

(Давом дорад).



# ТИЛЛО МАГИР, ДУО ГИР...

*«Модаронро пос доред...»*
***Расул ҒАМЗАТОВ.***

Солҳои азхудкунии заминҳои бекорхобидаи Мирзочӯл ва ба таври иҷборӣ аз деҳоти кӯҳистони Нурато ба дашт кӯчонидани аҳолӣ ҳамдиёрони мо манзили зист, боғоти худро партофта, нақли макон кардаанд. Сокинони деҳоти тоҷикнишини ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах ҳам аз ин мустасно нестанд, балки онҳо ин вазъи аз як сӯ нобоб, аз тарафи дигар имтиҳони хати сарнавиштро паси сар карда, ба таъбире обутоб ёфтанд.

Пештар ҳам бо тақозои шароит ва сабабҳои қаҳтиву гуруснагӣ як қисми аҳолӣ ба пушти кӯҳ, ҷониби Самарқанду Миёнкол кӯч баста, ризқу рузии паҳну парешонро аз ҳар куҷо ҷамъ овардаанд.

– Дар ноҳияи Ҳафтрӯди вилояти Чимкенти Қазоқистони Ҷанубии ҳозира як идда хешу ақрабо ва наздикони мо умр ба сар мебурданд, – ба хотир оварда, мегӯяд момои Бозоргул Назарова. – Модарам Раҷабгул ҳам дар ҳамин маҳал зоида ва ба камол расидааст. Он замон бонувонро ба ҳар сӯ ба кору меҳнат мефиристоданд. Вақте ки ба ноҳияи Қӯшработи вилояти Самарқанд ҳамроҳи дугонаҳояш ба кор меравад, сарнавишт ӯро бо ҷавони миёнколӣ (митанӣ) Қаршибой рӯ ба рӯ менамояд. Модарам ман ва додарам бӯронро ба дунё оварда, вафот мекунад.

Ман ва додари ятимам боз Ҳафтрӯд – ба дасти момои модариам меоем. Ман инҷо мемонам, аммо додарам ба Самарқанд баргашта меравад. Падарам зан мегирад ва додарамро ҳам калон мекунад. Мани сарсахт дар дасти момо ва тағоям – Насриддин мондам,– нақл мекунад момо. – Бадбахтона, он солҳо душвор буд, бинобар ин ба мактаб ҳам пурра нахондам, ҳамагӣ се-чор синф хондаму бас...

Ҳамин тавр Бозоргул дар парастории момою тағояш монда, тарбияи онҳоро мегирад. Додараш бошад, баъди ба маҳаллаи Митани ноҳияи Иштихони вилояти Самарқанд, зодгоҳи худ баргаштан дар назди падар ва модарандар ба камол мерасад.

Момо ва тағояш қарор медиҳанд, ки Бозоргулро ба додари зани тағояш Насриддин – Шодибой, ба Ӯхм ба шавҳар диҳанд. Шодибой дар хурдсолӣ аз меҳри гарми модар ва баъдан аз навозишҳои падар маҳрум монда буд. Онҳо бо кумаку дастгирии бародарони калонӣ Маҳкамбою Азимбой оила месозанд ва зиндагиро пеш мебаранд. Дар дашту биёбон бо чорвопарварӣ шуғл меварзанд.

– Дар дашт фақат ба кӯчокӯч машғул будем, – мегӯяд момои Бозоргул.– Роҳбарони хоҷагӣ гоҳ ба бошишгоҳи қариби кӯли Айдар мекӯчонданду гоҳи дигар ба наздикии кӯҳ. Сахту сангин буд зиндагии он замон. Бачаҳо барои мактабравӣ азоб мекашиданд. Як муддат дар хонаи хешон истода, дар мактаб хонданд. Баъдтар дар назди мактаб хобгоҳ ташкил ёфт. Барои ба мактаб бурдану овардани фарзандҳои чӯпонон мошини боркашони болояш чодирпӯш ҷудо карданд.

Шавҳараш Шодибой сарчӯпони хоҷагӣ буд. Ӯ бо бисёр беадолатиҳои он айём рӯ ба рӯ омад. Боре як гурӯҳ роҳбарони хоҷагӣ бе иҷозати вай аз рамааш қариб сад сар гӯсфандро ҷудо карда гирифта мебаранд. Дар ин дам сарчӯпон набуд, аз хоҷагии ҳамсоя рама меовард, дар роҳ буд.

Бо нею нестон, доду фиғони аҳли байташ нигоҳ накарда, зимомдорон бо зӯрӣ гирифта мебаранд, баъди ин дигар кораш барор намекунад.

«Болои сӯхта намакоб» духтараш Меҳригул дар дувоздаҳсолагӣ ногаҳон ба дард мепечад. Онҳо ба ин қабил озмоишу имтиҳонҳои ҳаёт бисёр дучор меоянд. Як умр барои ташхису табобати духтари як вақтҳо гул баринашон такудав мекунанд. Аммо духтари дардмандашон дар сивусесолагӣ вафот мекунад. Падару модарро марги бемаҳали фарзанд обу адо месозад. Аз ҳамон дам то ҳол Момои Бозоргул дарду доғи дилашро бо байту сурудхонӣ сабук месозад. Дар тӯю сур, ҷашнҳо доира ба даст гирифта, таронаҳои халқиро ба маромаш расонида мехонад. Идҳои мардумиву миллӣ дар деҳа бо иштироки ӯ хеле хуш мегузаранд. Ба тадбирҳои сатҳи ноҳияву вилоятӣ ва ҳатто ҷумҳурӣ даъват менамоянд.

Писари калонаш Музаффар асои чӯпониро замоне гирифтааст, ки падари раҳматиаш Шодибой ба нафақа баромада, ба ободкунии боғу ҳавлии хонаи дар деҳа бунёд намудааш пардохта буд. Писари дуюмаш Анорбойро бо мушкилиҳои зиёд дар Душанбешаҳр хононд ва ҳоло ӯ хабарнигори махсус дар вилояти Ҷиззах аст.

– Модарам, ки дар ягон маъракаа иштирок кунад, он ҷо аз танини таронаҳои халқӣ нуру шукӯҳ касб менамояд, – мегӯяд Анорбой. – Ҳамчунин аз телевизиони ҷумҳурӣ ва вилоят борҳо омада, бо ӯ сӯҳбатҳо оростаанд. Онҳоро низ дуоҳои нек гуфтааст, – меафзояд Анорбой. – Охир беҳуда нагуфтаанд «Тилло магир, дуо гир, дуо магар тилло нест?!»

Нони ҳалол ёфту фарзандонро ба камол расонд. Ҳоло даври пирӣ меронад. Соҳиби набераву абераҳост. Дар тӯю сур ва базму тараби ҳамдеҳагон, иду ҷашнвораҳо, хоса сайрҳои наврӯзӣ доира ба даст гирифта, суруду тарона мехонад.

Худованд ба ӯ табъи хуши таронагӯиву шеърбофӣ додааст. Бешак ин фазилатҳо ба фарзандонаш низ бетаъсир намондааст...

Соли равон дар рӯзҳои иди Наврӯз ба чорабиниҳои идонаи сатҳи ҷумҳурӣ – дар шаҳри Тошканд ҳамроҳи фаъолони Маркази миллию фарҳангии тоҷикони ҷумҳурӣ ширкат ҷуста, ба бахти бузург – вохӯрӣ бо Президенти мухтарам Шавкат Мирзиёев мушарраф гардид. Ӯ Сарвари давлат ва тамоми мардуми диёри офтобиамонро дуои нек гуфт.

Мо низ ба момои дуогӯ дуо мекунем, ки умрашон дарозу, саломат бошанд.

**Раҳимшоҳи ШАРИФЗОДА,**
**мухбири ҷамоатии «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*
***Суратгир: Т. ХОВАРӢ.***

*Бонувони сухангӯ*



# СУХАН АНДАР ДАҲОНИ ДӮСТ – ГАВҲАР

Заррина аз ташвишу таҳлукаи кори мактаб, азоби роҳ хаставу монда вориди хона шуда буд, ки набераҳояшро саргарми бозии «баранда ва шунаванда» дида, табъаш болида гашт.

Баёнбеки ҳафтсола ровӣ буду Маликабонуи шашсола мухлиси сахтгир. Писарча аз латтапора «микрофон» сохта, ба бибиҷон тақлидомез шеър мехонд:

*Омад фасли баҳорон,*
*Пурлола шуд кӯҳсорон.*

– Овозат паст, – эрод мегирифт Маликабону, – мисли пишакча «мяв-мяв» накун, модаркалонам барин баланд, бурро хон!

***

Гуфтору рафтори мағзи бодомҳо Заррина Олимоваро ба саёҳати айёми кӯдакӣ бурд. Гӯё динекак буд. Вай ба боғчаи бачагон мерафту бо супориши мураббиён шеър аз ёд мекард ва назди додарону хоҳарон қироат карда, бо маслиҳати онҳо истеъдоди хешро сайқал медод. Инчунин бо талаби модаркалонаш афсонаҳои шунидаашро бехато мегуфт.

Вақте хонандаи мактаби миёнаи рақами 20-уми шаҳри Самарқанд буд, устоди фанни адабиёт ва забони модарӣ Озода Валиева меҳру муҳаббати ӯро ба китобхонӣ афзуд ва дар озмунҳои вилоятӣ ва ҷумҳурӣ комёбиҳои назаррасро ба даст овард.

Дар озмуни ҷумҳурӣ монологеро чунон бо маҳорати баланду дилнишин хонд, ки ба нигоҳи адиби маъруф Умаралӣ Норматов афтод ва аз шоҳсуфаи фахрӣ ҷой гирифт.

– Ҷойи ту, духтарам, факултаи филология ё донишкадаи санъат, – баъди табрикоти самимона гуфтанд ба ӯ, – маҳорати баланди суханпардозӣ дорӣ.

Шояд аз ҳамин сабаб Заррина баъди хатми мактаб ҳуҷҷатҳояшро ба факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд супорид. Аз устодони меҳрубонаш бисёр чизҳоро омӯхт. Маҳз солҳои донишҷӯӣ асарҳои устод Айнӣ, А. Қодирӣ, Ӯ. Ҳошимов, Ч. Айтматов, М. Шолохов, Ҷ. Лондон, Э. Хемингуэй ва дигаронро пайваста хонд. Бо телевизиони Самарқанд риштаи дӯстӣ баста, баъди гирифтани дипломи донишгоҳ сухангӯ гардид. Заррина ба се забон – тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ ахбор мехонд, барномаҳо таҳия мекард. Бо ровиён Меҳрубон Бозорова, Шаҳло Аҳророва, Баҳодур Шарифзода, Дилмурод Дӯстмуродов, Гулчеҳра Бердиёрова ҳамкорӣ намуда, истеъдодашро сайқал дод.

Аз соли 2002 дар мактаби рақами 14-уми ноҳияи Самарқанд бо касби педагогӣ машғул гашта, дар ин кор низ ба комёбиҳо соҳиб шуд.

Шогирдонаш дар озмунҳои вилоятӣ ва ҷумҳурӣ болодаст гардиданд, ки ба ӯ нишони «Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон» доданд. Инак, қариб даҳ сол аст, ки Заррина Олимова дар мактаби рақами 16-уми ноҳия ба корҳои маънавӣ-маърифатӣ машғул аст.

– Дарсҳо дар мактаб ба се забон – тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ ҷараён гирифта, ҳар сол аксарияти хатмкунандагон ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ ва кишварҳои хориҷӣ дохил мешаванд, – мегӯяд З. Одилҷоновна. – Роҳбари давлат супориш дод, ки фарзандонамон дар мактаб забони модарӣ ва забонҳои хориҷиро хуб аз худ намуда, кори компутерро омӯзанд. Педагогҳо бошанд, завқи талабагонро ба касбу ҳунар, санъат ва маданият бедор намоянд.

Дар мактаби мо ба китобхонӣ ва наттоқӣ аҳамияти махсус дода мешавад. Дар маҳфили «Адабиётчиёни ҷавон» асарҳои нависандагони тоҷику ғайра муҳокима мегардад. Шогирдон кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки сухандону сухансанҷу сухангӯ бошанд.

***

Муаллима дар мактаб бо сиёсати қатъӣ тартиботи сахт ҷорӣ кардааст.

Чунон тасодуф шуд, ки ҳар ду дар долон рӯ ба рӯ омадем ва фурсати ҳолу аҳвол пурсидан нашуда, занги танаффус садо дод. Талабаҳо ӯро дида бо навбат, саф ороста, ором ба саҳни ҳавлӣ баромаданд ва ҳавои тоза хӯрда, боз ба синфхонаҳо ворид шуданд.

– Зарринабону, сиёсати шумо аз баъзе мардҳо ҳам зӯрку! – ҳайратамонро ошкор сохтем мо, – аҷиб, талабаҳо ҳурмат мекунанд ё метарсанд?

– Ҳар ду, – бо завқ механдад мусоҳиби мо, – интизоми қатъӣ барои тарбияи насли наврас хеле муҳим аст. Ман солҳои таҳсил дар донишгоҳ ва навкор будан дар мактаб асарҳои оиди таълиму тарбия, хоссатан алломаҳо Унсурулмаолии Кайковус, Авфӣ, педагогҳои рус Макаренко, Сухомлинский ва дигаронро пайваста мутолиа карда, ҳоло самараи онро дар таҷриба мебинам.

Гузаронидани шабнишиниҳои адабӣ, тақдимоти асарҳои нав, вохӯрӣ бо эҷодкорон, ҷамъомад бо падару модарон, баровардани газетаҳои деворӣ ва ғайра дар зиммаи ӯст.

– Ошкоро таъкид кардан лозим аст, ки аксарият волидайн аз адабиёту китобхонӣ фарсахҳо дур шудаанд. Аз қадим мардум кӯшиш мекарданд, то адабиёти гузаштаи худро бидонанд, вазифа ва заруратáшро барои имрӯзу фардои фарҳанги худ бифаҳманд. Аз ин рӯ, ман дар дарсҳои адабиёт ба шогирдон меҳру муҳаббатро ба китоб бедор мекунам.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти САМАРҚАНД.*




# ЁДИ МОДАР

Модар – инсонест, ки васфи онро дар таърихи олам шоиру нависандае, ё сухандоне ба охир расонда натавонистааст. Хислатҳои ин фариштаи заминӣ беҳисобанд.

Худ модар ҳастаму ҳар гоҳ дилам ба ёди Модари меҳрубонам гум мезанад. Мехоҳам, ки дар ҳар як лаҳзаи ҳаётам аз таҷрибаю маслиҳатҳояш баҳра бардораму омӯзам. Лоиқ Шералӣ фармудааст:

*Як сухани бонамаки модарон,*
*Беҳ зи ҳама ҳикмати донишварон.*
*Як асари маслиҳати модарон,*
*Беҳ зи ҳама доварии доварон.*

Лек, афсӯс ... Модарҷони ман солҳо гузаштааст, ки ба дунёи боқӣ реҳлат намудааст.

Шоире мегӯяд:

*Дилам ҳар гаҳ ки бар ёди ту гум зад, шеърҳо гуфтам,*
*Бикардам баҳри таскини дилам номи туро такрор.*
*Агарчи борҳо хондам Ватанро ҷои ту модар,*
*Ватан маъзур, меҳри модарӣ будаст нотакрор.*

Бузургию сабру бардошти модаронро ба ҳеҷ чизе наметавонем баробар кунем. Чуноне ки мегӯянд:

*Як шаба он ранҷ, ки модар кашид,*
*Бо ду ҷаҳон ҳам натавон баркашид.*

Он ранҷу азобе, ки модар танҳо барои парвариши як кӯдак мекашад, хеле сахт аст. Модар! Ҳар қадар, барои меҳрат, барои шабзиндадориҳоят, барои фидокориат нисбати фарзанд сари таъзим фуруд орему шукргузорӣ бинмоем ҳам, кам аст.

*Дилу ҷонам фидои номи модар,*
*Дило фирӯз бод, айёми модар.*
*Чу дид осори ранҷурии фарзанд,*
*Шакар талхӣ кунад, дар коми модар.*

Модар аввалин омӯзгор, гаҳворачунбони сайёра, чашмаи беминнати меҳр, ғамхори ҷигаргӯшааш аст. Бинобар ин, бигзор, ҳамеша шоду масрур дар паноҳи Аллоҳу эъзози фарзандон бошад.

*Дилам хоҳад ҷаҳон гулзор гардад,*
*Ҳама бо ҳам анису ёр гардад.*
*Набинам дидаи гирёни модар,*
*Ҷаҳон ҳамвора бепайкор гардад.*

Модарони азиз ғаниматанд, аллаҳояшон, суханонашон, хоки пояшон, дидори ширинашон ҳама ғаниматанд. Гоҳе ки аз олам мегузаранд, шахсе мисли ӯро пайдо карда наметавонем. Ба қадри модарон, ки бар сарамон соябонанд, бояд бирасем.

**Ирода ЭРМАТОВА,**
**омӯзгори мактаби**
**рақами 44-уми**
**ноҳияи Бӯстонлиқ.**

*Сӯзад ба дарун, сӯзаду дуде накунад,*
*Чун сӯхтаи димоғи додар, хоҳар...*
***Камол НАСРУЛЛО.***
*Гаҳ-гоҳ ба некӣ носипос аст ҳаёт...*
**ЛОИҚ.**

# САРНАВИШТ

Дар сармои сахт мошини сабукрав такон хӯрда-такон хӯрда, роҳҳои каҷу килеб ва пур аз дастандозро қафо гузошта, ба пеш медавид. Баногоҳ фармони худрав ларзиду ба як самт кашидан гирифт ва бо шунидани садоҳои берабти тақ-тақ мошин аз ҳаракат бозмонд. Маълум шуд, ки себаки фармон аз дасти ҷаҳиданҳои беохири чарх аз ҷо канда шуда афтодааст...

Роҳи камтараддуд, на одаме, на мошине ба чашм мехӯрд. Ҳайрону дилбеқарор хеле дар ҷода мондем. Ниҳоят саворие намудор шуд, даст боло кардем. Истод. Ронандааш либоси милисагӣ ба бар дошт, пурсид:

– Чӣ гап?

– Бародар, ба ҷаноза меравем, агар илоҷаш бошад, моро расонед,– хоҳиш кардем мо.

Дар қафои ронанда зане бо ду кӯдак менишаст. Эҳтимол ҳамсараш, шояд хоҳараш бошад. Кӯдакон хеле дӯстрӯ буданд, мисли дугонаҳо. Ӯ гуфт:

– Танҳо барои як нафар ҷо дорам.

– Бошад, ҳадди ақал хоҳарамро бо худ баред, роҳро нағз намедонад. Дар сари дуроҳа мефуроред.

– Майлаш, бишинад.

Пас аз муддате мошини дигар омад. Худрави худро дар нимароҳ монда, ба он савор шудам. Нишаста мерафтам, ки ҳанӯз ба дуроҳа нарасида, хоҳарамро дидам. Дар роҳ пиёда қадам мезад, на ранге дошту на нур, аз ниҳояти хастагӣ арақшору рухсорааш қирмизӣ менамуд. Ӯро низ ҳамроҳ гирифтем.

– Чӣ шуд хоҳарҷон, чаро пиёда мондӣ? – ҳамоно пурсидам аз ӯ.

Дар ҳоле ки сахт нороҳат буд, нафас рост карда гуфт:

– Номард дар нисфи роҳ ба самти рост печид. «Ман то дуроҳаи ту намеравам» гӯён, маро аз як санг роҳ фуровард.

Ниҳоят, ба маҳалли сӯгворӣ расидем. Одам бисёр буд. Майитро шуста ба салоти ҷаноза омода кардаанд, аммо аз имом дарак не. Соҳибони хона бетоқат, маътал кардани ин ҳама одам ба ҷон сахт мерасид.

Худоро шукр, пас аз интизории тӯлонӣ сару саллаи мулло намудор шуд. Ба маҳзи расидан «дар масҷид нағзакак таҳорат гирифтам» гуфта, баҳона пеш овард. Ҳамин ки соҳибхона ду-се лукма сухани норизоӣ гуфт, «болои сӯхта намакоб» имом қаҳр карда рафтанӣ шуд...

Бо дидани манзараҳои ғашовар аз дил гузарондам: «Худоё, ин чӣ бадбахтиест, ки бандагонаш ҳатто рӯзи мусибат некиро аз якдигар дареғ медоранд?!» Рафтори ронанда ва бахусусус, имоми маҳалла, мақоли «Чу куфр аз Каъба хезад, куҷо монад мусалмонӣ?»-ро ба ёд меоварад.

Одамизод баробари ба дунё омадани тифл меболад, аз ин инъоми Худованд шукргузорӣ мекунад. Кӯдакро парпеч намуда, аз рӯйи таомул номи муносиб мегузорад. Кӯдакон бо мурури вақт роҳравон мешаванд, аз пайи онҳо боз навзоде ба дунё меояд, зиндагӣ идома мееёбад...

Саҳлу осон нест фарзандро бузург кардан. Хоса, модар худро ба обу оташ мезанад, барои тахту ҳамвор намудани шебу фарози зиндагӣ сабру таҳаммул менамояд, сари гаҳвора нишаста, бедорхобиҳо мекашад, агар фарзанд аз дард гиря кунад, ҷони ӯ ҳам ба дард меояд. Барои хӯрондану пӯшондани фарзанд аз субҳ то шом даву тоз мекунад. Ва боз... носипосиҳои ҳаёт низ ҳаст, ки одамро обу адо мекунанд...

«Марги волидон мерос, аз фарзанд теғи алмос», гуфтаанд дар урфият. Нависандаи маъруфи тоҷик Баҳром Фирӯз дар ҳикояи «Ғӯрамарг»-аш ривоятеро меоварад:

«Мегӯянд, ки Ҳотами Той дар роҳ мерафтааст, ногоҳ каждумеро дидааст, ки пешопеши вай шитобон аст. Аз пояш рафтааст, каждум якеро зада куштааст, баъд ба сурати мор даромадаасту галабонеро заҳр задааст, сипас ба сурати духтари зебое мерафтааст. Ду тан бародарон дар киштзор машғули киштукор буданд, духтар онҳоро ба ҳам ҷанг андохта, якеро бо дасти дигаре ҳалок сохтаасту боз ба роҳаш давом кардааст. Баъд аз ин Ҳотам бо ғазаб сари роҳи каждумро мегираду мегӯяд, ки ту чӣ балоӣ, ки корат ғаму кулфат аст. Ӯ мегӯяд: «Ҳотам, туро ҳанӯз умр фаровон аст, ба роҳи худ бирав. Ман аҷалам, кори худро мекунам, то ки одамон домангир набошанд, ингуна амал дорам...»

Аммо ман аз худ домангир набуда наметавонам – мегӯяд нависанда.

***

...Ид омаду ҳама пайвандони хешро бо гулу гулдастаҳо муборакбод намуданд, вале ман мисли он, ки ба даҳон талқон гирифта бошам, ягон даҳон гап назадам, сухане наёфтам, ки ба дилҳои озурда марҳам шавам. Ҳатто сухани имомро, ки баъд аз дафн намудани хоҳарзодаам гуфта буд, натавонистам дубора ба забон оварам: «Сарнавишти ҳар як кас ҳанӯз дар батни модар дар пешониаш сабт мееёбад»...

**Анорбой НАЗАРОВ.**

# СЕҲРИ НАҚШҲО



(Аввалаш дар саҳ.3).

Зеҳак. Дар нақш ва ороишоти либосҳои миллӣ урфу одат, тарзи ҳаёт ва орзуву умедҳои ҳар як миллат акс ёфтааст. Дар либосҳои мардуми Осиёи Марказӣ зеҳак қисми ороишотӣ ба ҳисоб меравад. Дар Бухоро ва Самарқанд зеҳи курта, зеҳи ҷома ва зеҳи пойҷома, дар Сурхондарё онро шероза мегӯянд. Зеҳ тасмаи борики дароз буда, бо нақшҳои ҷозибадор дар ҳошияи гиребон, киса, ҷома ва пеши либосҳо, дар атрофи дӯппиҳо дӯхта мешавад. Аз тасмаи нақшинкор бисёртар занону духтарон дар либосҳои миллии худ корбаст намудаанд. Зеҳ бо номҳои «мори печон», «чашми булбул», «марҷон», «гули лола», «ду кабӯтар», «оҳу», «офтоб» ва ғайра ифода ёфтааст. Зеҳакдӯзӣ ҳунари миллӣ буда, мазмуну моҳияти хос дорад. Масалан, тасвири зарфҳои рӯзгор, гул, барг ва мева – рамзи серҳосилӣ, ду кабӯтар – ишқу муҳаббати ду ҷавон, оҳу – маънои бовиқор, мардонагӣ ва ҳимоякунанда, гулҳои лола, савсан, бунафша ва садбарг – зебоӣ ва нафосатро ифода кардаанд. Дар гиребони либосҳои занону духтарони Бухоро ва Самарқанд зеҳ ва пеши куртаю ҷома бо абрешими заррин дӯхта шудааст, ки ин низ рамзи илоҳӣ буда, аз қадимулайём ранги тиллоиро ба нурҳои офтоб монанд кардаанд. Дар нақши «изи мор» хислатҳои мор, ки ҳимоякунандаи хонаву ҷой, чорпо, обу дон, сарват мебошад, акс ёфтааст. Боз як хусусияти зеҳак дар он аст, ки мустаҳкамии қисми гиребон, остин ва поёни куртаю пойҷомаро таъмин намуда, муддати тӯлонӣ аз он истифода мебаранд. Инчунин, нақшҳои зеҳак рамзи эҳтиёт аз чашми бад ва балову қазо ба ҳисоб меравад.

Курта ва пойҷомаи зеҳакҳои қиматбаҳодоштаро занони соҳибмансаб ва амалдор дар тӯю маърака ва ҷашнҳо дарбар кардаанд.

Тарзи бофтани зеҳак дар ду шакл мебошад: зеҳаки сода, ки ҳар як соҳибхоназан ва духтар дастӣ мебофад ва зеҳаки мураккаб, ки бо дастгоҳи махсус бо иштироки чанд нафар бофта мешавад. Баъд аз бофта шудани он дар рӯяш бо риштаҳои сурх, сабз, зард, гулобӣ, бунафшранг тасвирҳои мухталифро медӯзанд. Тарзи дӯхтани он занҷирмонанд буда, либосро бошукӯҳ ва ҷозибадор месозад.

Дар олами мӯди замонавии имрӯза низ зеҳак дар ҳошияи ғилофҳои телефон, айнак, сумка, қисмҳои куртаю пойҷома ба назар мерасад, ки ин аз эҳёи анъанаҳои миллӣ дарак медиҳад.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА.**
***Суратгир: Т. ХОВАРӢ.***

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-425. Адади нашр 4631 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Н. Нодирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 23.00

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83;
Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.